# СУРАТМАҶЛИСИ № 26

## ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-059

**15-уми октябри соли 2021** **ш. Душанбе**

Иштирок доштанд: аз 17 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии бо фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 марти соли 2020, №62 тасдиқгардида, 13 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравindependent. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Муҳтарам аъзоёни Шӯро ягон пешниҳоди дигар нест? Аъзоёни Шӯро хоҳиш намуданд, ки ҷаласа кушода шавад. Якдилона пешниҳод ҷонибдорӣ карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нарзуллозода Суҳроб Саидаҳмад дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани коидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ).

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шӯрои диссертатсионӣ Зоир Ҷ.М.; аъзоёни комиссияи ташхис, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шӯрои диссертатсионӣ Азиззода У.А. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, узви Шӯрои диссертатсионӣ Назаров А.Қ. баромад намуданд (хулосаи комиссияи ташхис замима мегардад).

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Нарзуллозода Суҳроб Саидаҳмад дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– Абдурасулова Қумринисо Раимқуловна – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сардори кафедраи криминологияи Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

– Зокирзода Зафар Хайрулло – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва методикаи таълими они Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия – Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи афтореферат иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 25 январи соли 2022 соати 11:00 таъин карда шавад.

Қарор қабул карда шуд: якдилона.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Шарипов Т.Ш.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Маҳмудов И.Т.**